# Пишакча Шолмон



## ва дучарха

Силсилан

Вафо ва Амина

Башорат Султонзода



# Пишакча Шодмон ва дучарха



# ПИШАКЧА ШОДМОН

Пишакча Шодмон кӯдаки оддиест мисли ту, танҳо бо фарқи он ки вай дар олами гурбаҳо зиндагонӣ мекунад.

Ҳар рӯз вай ба моҷароҳои аҷоиб дучор мешавад ва дар бораи онҳо ба ту нақл кардан мехоҳад.

Акнун гӯшатро кушо ва чашмонатро воз кун...



Шодмон овозеро шунид
ва кунҷковона
аз девори ҳавлияш
поид.



Дар кӯча бачагон ба
кадом сабабе
ҷамъ шуда
буданд.

Ҷаҳонгир дучархаи нав дорад.





Шодмон низ
чунин дучархаро
орзу мекард.




Равшан гуфт: «Салом, Шодмон!
Бо ман чархакбозӣ мекунӣ?»


Шодмон ҷавоб дод:
«Не. Ман чизи
беҳтаре ёфтам».



Шодмон ба кӯча
нишон дода гуфт:
«Ман дучархае мисли
дучархаи Ҷаҳонгир
мехоҳам ва барои
ҳамин бояд пул кор
кунам».

Шодмон то бевақтӣ дар хона мушқапак месохт. Модараш даромада пурсид: «Ту чӣ кор мекунӣ?»



Шодмон фаҳмонд: «Охир, ман бояд муш-қапакҳо созам. Баъд онҳоро мефурӯшам ва барои дучархаам пул ҷамъ мекунам».




Пагоҳӣ Шодмон
дар мактаб
хобаш бурд.

Рӯзе омад, ки Шодмон
мушқапакҳои бисёр тайёр кард.





Шодмон мушқапакҳоро ба нархи хуб фурӯхта тавонист.



Ҳангоми баргаштанаш додараш пурсид: «Акаҷон, барои ман як ширинӣ намехаред?»



«Афсӯс», - ҷавоб дод Шодмон, -  «ман ба ту ягон чиз харида наметавонам. Ман барои дучархаам пул ҷамъ карда истодаам».


Падараш
пурсид:
«Шодмон,
оё бо ман
дар полиз
кор намекунӣ?»



«Чӣ хел, дадаҷон?», - гуфт Шодмон, - «агар ба шумо кӯмак расонам, корам мемонад ва ман барои дучарха пул ҷамъ карда наметавонам».



Шодмон пули кор кардаашро ҳисоб менамуд. Равшан ва ҷӯрааш наздаш омада гуфтанд: «Шодмон, биё бо мо бозӣ кун!»



«Бозӣ?», - ҳайрон шуда савол дод Шодмон, - «ман вақт надорам. Ман бизнесмен шудам ва пулам то ҳол танҳо ба як чархи дучархаам мерасад».

Ҳама аз Шодмон норозӣ шуданд.



Шодмон ба фикр афтид:
«Агар чунин давом диҳам, ҳамаро хафа мекунам ва аз дӯстонам мемонам...»






Шодмон зуд ба бозор давид ва
мушқапакҳои мондаро фурӯхт.



Шодмон аз дурӣ
фарёд кард:
«Додарҷон! Додарҷон!
Бин, ман барои ту як
чархак харидам!»

йй



«Падарҷон, агар ягон кор барои ман дошта бошед, гап занед. Ман ба хизмат тайёр ҳастам», - эълон кард Шодмон бо хурсандӣ.


Падар ҳайрон монда
пурсид: «Чӣ гап? Оё
ту вақт дорӣ?»
Ва додараш донистан
хост: «Охир ту гуфтӣ,
ки пулатро барои
дучарха ҷамъ карда
истодаӣ».

Шодмон гуфт: «Рост. Аммо ман фаҳмидам, ки аз ҳама чизи муҳим мемонам, агар танҳо барои як дучарха зиндагӣ кунам. Ва ин ба ростӣ намеарзад!»





Исои Масеҳ масале ба онҳо гуфт:

«Киштзори як марди сарватдор ҳосили фаровоне овард; ва бо худ андешида, гуфт:

“Чӣ кунам, зеро барои анбор кардани ҳосилоти худ ҷое надорам?” Ва гуфт: “Чунин мекунам: анборҳои худро вайрон карда, калонтарашро месозам, ва дар он ҷо тамоми ғалладона ва тамоми дороии худро ҷамъ меоварам. Ва ба ҷони худ мегӯям: Эй ҷони ман! Дороии бисёре барои чандин сол дорӣ: фароғат кун, бихӯр, бинӯш ва шод бош”.

Вале Худо ба вай гуфт: “Эй нодон! Худи имшаб ҷонатро аз ту талаб мекунанд; пас, он чи захира кардӣ, насиби кӣ мешавад?”

Чунин аст ҳоли касе ки барои худ ганҷҳо ғун мекунад, вале пеши Худо сарвате надорад».

Луқо 12:16-21

**Саволҳо:**

Шодмон барои чӣ бо Равшан дигар бозӣ кардан нахост?




Шодмон барои чӣ дар мактаб хоб рафт?



Шодмон чӣ тавр пул ба даст овард?

Падар аз Шодмон чиро хоҳиш кард?

Равшан бо Шодмон чӣ кор кардан мехоҳад?

Шодмон чиро аз даст дода истода буд?



Роҳи ҳал чӣ буд?

Оё ту барои чизу чора ғами зиёд мехӯрӣ?

Оё ту бояд ин ё он чизро барбод диҳӣ?



**Супориш:**

Обпошак чанд бор тасвир ёфтааст?

Дар кадом сурат расми шаршара тасвир ёфтааст?

Дар бозор чӣ гуна асбобҳо овезонанд?



# ПИШАКЧА ШОДМОН

Масалҳо барои хурдтаракон:
Моҷароҳои Пишак Шодмон ба кӯдакон ҳақиқатҳои муҳимро ба таври содда меомӯзонанд.
Пишак Шодмон корҳои хубро кардан хоҳад ҳам, хато мекунад ва бояд боз ба роҳи дуруст баргардад.

Силсилаи Вафо ва Амина китобҳоро барои бачагон ва духтарон пешкаш менамояд. Нишони мо кафолат медиҳад, ки нақлҳои мо

- шавқовар ва мувофиқи чашмандози кӯдак мебошанд
- кӯдаконро дар роҳи некаҳлоқӣ дастгирӣ менамоянд
- бо забони тоҷикии ҳозира навишта ё гардонда шудаанд
- ҷаҳонбинии кӯдаконро васеътар мегардонанд